**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05-иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.**

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити тағйирёбандаи рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ таъмин намудани бехатарӣ ва мустақилияти иқтисодии кишварҳо аз самаранок идоракунии сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маҳз идоракунии самараноки сармояи инсонӣ метавонад рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро ба андозаи имконпазир устувор созад. Бинобар ин дар СМР-2030 таъкид гардидааст, ки «Сармояи инсонӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Сифати он яке аз меъёрҳои асосӣ дар соҳибкорӣ буда, масъалаи калидӣ ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳадаф ва барномаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад».[1]

Ақидаҳои муаллифро нисбати мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ ва вазъи муосири рушди ҷаҳонишавии иқтисодиётро ба назар гирифта, қайд кардан зарур аст, ки ташаккули самти нави илмӣ доир ба тадқиқоти масъалаҳои идоракунии сармояи инсонӣ ва дар ин замина коркарди тавсияҳои мақсаднок хеле муҳим ва саривақтӣ мебошанд.

Аз рӯи таҳлили автореферати диссертатсия чунин хулосаҳо баровардан шуданд, ки муаллиф бо касбияти баланд масоили таҳқиқотро зоҳир сохта, мақсад, вазифа, объект ва доираи таҳқиқот,

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – С.41

инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян намудааст. Дар маҷмӯъ муаллиф тавонистааст, ки дастгоҳи мукаммали истилоҳоти ин соҳаро баррасӣ намуда, дар асоси он пайдарпайии мантиқии масоили таҳқиқотро муайян кунад ва дар самти иҷрои вазифаҳои гузошташуда натиҷаҳои асоснокро комёб гардад. Хусусияти фарқкунандаи кори таҳқиқотии мазкур дар ягонагии сохторӣ ва истифодаи низоми усулҳои мувофиқ ба самти кори диссертатсионӣ мебошад. Қисмати таҳлилӣ ва амалии таҳқиқот дар алоқамандӣ ба қисмати назариявӣ иҷро гардидааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти гузаронидашуда дар он аст, ки муаллиф нақш ва аҳамиятнокии идоракунии захираҳои инсониро нисбат ба дигар захираҳо муайян карда, саҳми онро дар болоравии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо пуррагӣ нишон додааст ва механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи сармояи инсониро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, пешниҳод кардааст, ки ин унсурҳо доиман дар мадди назар бошанд ва сармоягузориҳо ба ин захираи нодири иқтисодӣ бояд афзоиш ва такмил дода шаванд.

Инчунин қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқоти гузаронидашуда бо истифода аз маълумотҳои дақиқ ва маводҳои дар воқеъ тасдиқшуда асос ёфтааст. Нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия мантиқан дуруст ва асоснок ифода карда шудаанд.

Автореферат таркиботи асосии диссертасияро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада ба таври кофӣ тасвиб гардида, дар маводҳои чопкардаи муаллиф нишон дода шудаанд, ки аз онҳо панҷ мақолаи илмии дар маҷалаҳои тақризшаванда нашр гардидаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии қайдгардида, баъзе камбудиҳои ба назаррасидаро низ нисбати таҳқиқоти гузаронидашуда қайд кардан зарур аст:

1) Сифати кори иҷрогардида боз ҳам баландтар мешуд, агар муаллиф нақши сармояи инсониро дар рушди инноватсионии соҳаҳои

пешбари иқтисоди миллӣ ё субъектони хоҷагидории онҳо таҳлил ва натиҷагирӣ мекард.

2) Ҳангоми коркарди пешниҳодҳо асоснок карда нашудааст, ки маҳз кадом унсурҳои таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсониро метавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кард.

Эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

Бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки кори диссертатсионии тақризшаванда, анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Давлатов Сорбон Назримадович дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05-иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дода шавад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **А.М. Раҳимов**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 7357 00, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1
Телефон : +992 927748463
E-mail: latif_58@mail.ru